**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримов Баҳодур Ҳасанович ба диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод шудааст.**

**Мубрамӣ ва аҳамияти мавзӯи таҳқиқот.** Ҳоло электроэнергетика яке аз соҳаҳои асосии рушддиҳандаи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Шароити иқтисодии муосир ташкили босамараи фаъолияти корхонаҳои соҳаи энергетикаро талаб намуда, роҳбарияти онҳоро водор менамояд, ки усулҳои нав ва пешрафтаи идоракуниро ба кор баранд. Электроэнергетика чун соҳаи махсуси иқтисодиёт аз соҳаҳои дигари истеҳсолоти моддӣ бо хусусиятҳои хоси маҳсулоти тавлидшаванда – нерӯи барқ, хосагиҳои раванди истеҳсол ва фурӯши нерӯи барқ, хусусиятҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ фарқ мекунад.

Талафоти барқ ҳангоми баланд кардани шиддати он, ба ҷо овардани корҳои таъмирии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ, азнавсозӣ ва навкунии таҷҳизоти интиқол ва тақсимкунии барқ кам карда мешавад. Вале иҷрои чорабиниҳои мазкур дар корхонаҳои интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи барқ (шабакаҳои барқӣ) хароҷоти зиёдро талаб менамояд. Баландшавии сатҳи хароҷот ва дар паёмади он афзоиши арзиши аслии истеҳсол, интиқол ва тақсимкунии барқ ба баландшавии нархи барқ меоваранд. Вобаста ба ин, беҳгардонии хароҷоти корхонаҳои шабакаҳои баркӣ зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки роҳҳои анъанавии камкунии хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (ихтисори кормандон, истифодаи маводи арзонтар, камкунии масрафҳои таъмир тавассути зиёд кардани фосилаи вақти байни таъмиркуниҳо) мақбул набуда, ба хусусиятҳои технологияи соҳа асос мееёбанд. Ҳама масрафҳо бо меъёрҳои технологӣ, ки бо таҷрибаи бисёрсолаи истифодаи бомуваффақонаи техника тасдиқ шудаанд, муайян карда мешаванд. Бино бар ин, дар корхонаҳои шабакаҳои барқӣ ба кор бурдани роҳҳои нав ва босамараи камкунии масрафҳо зурур аст, ки бо истифодаи усулҳои нав ва пешрафтаи идоракунии масрафҳо асос меёбанд.

Барои идоракунии муносиби масрафҳои истеҳсол, равандҳои фурӯш ва нархбунёдшавӣ дар корхонаҳои шабакаҳои барқӣ низоми баҳисобгирӣ ва аудити хароҷот зарур мебошад. Амалкунии босамараи корхонаҳои шабакаҳои барқӣ дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ аз татбиқи стратегияи пасткунии хароҷот вобаста мебошад. Барои қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ва таъсирбахш дар самти идоракунии масрафҳо баҳисобгирии идоракунии хароҷот зарур аст. Барои роҳбарияти корхонаҳои шабакаҳои барқӣ ахбори саривақтӣ ва боэътимод дар бораи таркиби хароҷоти интиқол ва тақсимкунии барқ зарур аст, ки онро низоми баҳисобгирии идоракунӣ таъмин намуда, боэътимодии онро аудити хароҷот тасдиқ менамояд. Муҳимӣ ва мубрамии мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда аз зарурати такмил ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии хароҷоти корхонаҳои шабакаҳои барқӣ бо баинобатгирии талаботи марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ муайян мегардад.

Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот бо асосноккунии илмӣ ва истифодаи амалии нуктаҳои асосии дисертатсия, ки корбурди онҳо барои беҳгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот, хоса хароҷоти истеҳсол, интиқол ва тақсимкунии барқ дар шабакаҳои барқӣ мусоидат менамояд, ифода меёбад.

Дар диссертатсияи Бобоев Ш.Н. натиҷаҳои илмие пешниҳод карда шудаанд, ки дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошанд, аз ҷумла:

- таъминоти ахбории баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимкунии барқ дар доираи муқаррароти методологӣ ва ташкилии он;

- таҳияи муаллифии мафҳуми "нерӯи барқ" чун объекти махсуси баҳисобгирӣ бо муайянсозии хусусиятҳои иқтисодии бунёдгардии арзиши аслии барқ дар асоси пажӯҳиши илми муосир;

- таҳқиқи танқидии тартиби мавҷудаи назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимкунии барқ бо муқаррарсозии самтҳои асосии ислоҳоти соҳа бо мақсади афзункунии самаранокии истеҳсол ва истеъмоли барқ;

- асосноккунии илмии зарурат, таҳқиқи мушкилот ва пешниҳоди низоми аудити идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимкунии нерӯи барқ бо истифодаи қоидаҳои аудит мувофиқи нақшаи "мақсадҳо – санҷишҳо – расмиёти аудити дохилӣ";

- таҳияи амсилаи сегментатсионии низоми баҳисобгирии арзиши аслӣ ва ҳисоботи идоракунӣ бо ҷудосозии фаъолияти ШСХК "Барқи Тоҷик" аз рӯи 4 сегменти асосӣ ва муносибатҳои идоракунии амудии корхона.

Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти худ 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда.** Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи дастгоҳи методии муосир тасдиқ мешавад. Муаллиф усулҳои маъмули асосноккунии натиҷаҳо, хулоса ва тавсияҳоро ба кор бурдааст. Вай дастовардҳои илмии назариявӣ ва амалии дигар муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии хароҷотро мунаққидона омӯхта ва таҳлил кардааст. Дар раванди таҳқиқот асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии хароҷоти корхонаҳои интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи нерӯи барқ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, инчунин усулҳои мушаххаси ҷамъбасткунии маводи назариявӣ ва амалӣ барои ҳалли

мушкилоти инъикоскунии арзиши хизматрасонии интиқол ва тақсимкунии нерӯи барқ, истисно и илмӣ, усулҳои меъёрӣ, коэффисиентӣ, амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ, индкусия ва дедуккия ба кор бурда шудаанд.

Барои ба ҷо овардани таҳлил муаллиф раванди ислоҳоти фарогири низоми идоракунии корхонаҳои шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ШСХК “Барқи Тоҷик”)-ро таҳқиқ намуда, методикаеро ба кор бурдааст, ки раванди ташаккули заминаи ахбории ҳисобкунии арзиши аслии нерӯи барқро дар мувофиқа бо ислоҳоти амсилаи идоракунии соҳаи энергетика дар мамлакат ба пуррагӣ тасвир ва баҳодиҳӣ мекунад.

**Сохтор ва мундариҷаи таҳқиқот, ҷиҳатҳои мусбат ва камбудиҳои кор.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо дарбаргирии 152 номгӯйи сарчашмаҳо, инчунин бахши замимаҳо иборат буда, дар 202 саҳифаи чопи компютерӣ (бе замимаҳо) дарҷ гардидааст.

Дар боби якум - “Ҷанбаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои электроэнергетикӣ” ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии хароҷоти интиқол ва тақсими нерӯи барқ, аҳамияти ташкили низоми баҳисобгирӣ ва аудити идоракунии хароҷот дар шароити муосир, марҳилаҳои рушди онҳо таҳқиқ, заминаҳои илмӣ ва мафҳуми арзиши аслии нерӯи барқ муайян карда шудааст. Аз нигоҳи танқидӣ ҳолати кунунии баҳисобгирии унсурҳои муҳими ҳисоботи молиявии корхонаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, самтҳои асосии такмили он дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ муайян карда шудааст.

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки ташаккули тарифҳо барои интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ тибқи усули анъанавии “хароҷот+”, ки дар диссертатсия аз ҷиҳати танқидӣ баррасӣ шудааст (с. 74), ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ нест, бино бар ин, корхонаҳои таъминкунандаи барқро ба сиёсати паст кардани хароҷот ва баланд кардани фаъолияти худ ҳавасманд намекунад. Дар корхонаҳои шабакаҳои барқӣ арзиши аслии 1 Квт нерӯи барқ дар амалия аслан мавриди ҳисобкунӣ қарор

намегирад ва танҳо дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар бо усули "дегӣ" барои муайян кардани натиҷаҳои фаъолият тамоми хароҷот бо тамоми даромадҳо муқоиса карда мешаванду халос. Вобаста ба ин муаллиф тавсияҳои худро барои бартараф намудани ин мушкилот пешниҳод кардааст (с. 75).

Дар боби дуюм - "Хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимкунии нерӯи барқ дар корхонаҳои таъминотии барқии Тоҷикистон" ташхиси вазъи кунунии пешбурди баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол, интиқол ва фурӯши нерӯи барқ ба ҷо оварда шуда, вобаста ба ташкил ва пешбурди низоми нави баҳисобгирӣ ва аудити хароҷот бо назардошти таъсири он ба натиҷанокии фаъолияти корхонаҳои соҳа тавсияҳо пешниҳод гардидаанд. Бо назардошти дастовардҳои илми муҳосибии байналмилалӣ тартиби нави баҳисобгирии моддаҳои арзиши аслӣ дар асоси ташкили марказҳои масъулият пешниҳод гардидааст.

Муаллиф се амсилае пешниҳод кардааст, ки дар онҳо алоқамандиҳои мутаносибонаи баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ вобаста ба ташаккули маълумоти саривақтӣ ва босифат дар бораи арзиши аслии интиқол ва тақсимоти барқ барои қабули қарорҳои идоракунӣ ифода гардидаанд (сс. 82, 83, 85). Ҳамчунин муаллиф имкони истифодаи дигар амсилаҳоро инкор накарда қайд кардааст, ки низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои хароҷоти интиқоли барқ бояд маълумоти ҷамъбастиро оиди фаъолияти корхонаҳои барқрасон дар баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии омор таъмин намояд (с. 102).

Дар бои сеюм - "Методикаи аудити идоракунии хароҷоти интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ" ҷанбаҳои муҳими ташкили низоми босамараи аудити идоракунии хароҷоти баҷоовардашуда ва пешбинишаванда дар асоси амсилаи сегментатсионии низоми баҳисобгирии арзиши аслӣ баррасӣ гардида, барои афзоиши самаранокии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии хароҷот тавсияҳо таҳия шудаанд.

Муаллиф нақши муҳими аудитро дар баҳодиҳии натиҷаҳои ниҳойии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои соҳаи энергетика қайд намуда, таъкид кардааст, ки бо назардошти тобеияти зинавии корхонаҳои энергетикӣ, аудити идоракунии субъектҳоро аудиторони дохилӣ мегузаронанд. Бартарӣ дар ин ҳолат маълум аст, - ҳамаи вақти аудиторони дохилӣ ба корхонаҳое, ки дар онҳо кор мекунанд, вогузор шуда, онҳо оиди фаъолияти худ таҷриба ва дониши васеӣ пешакӣ доранд. Ба ақидаи муаллиф, дар масъалаҳои баҳодиҳии хароҷоти интиқол ва тақсимкунии барқ омили муҳим ин гузаронидани аудити идоракунии дохилӣ дар объектҳои пайдоиш, унсурҳо ва самтҳои соқит кардани хароҷот мебошад (с. 142). Вобаста ба ин, муаллиф тавсияҳои сӯдманд пешниҳод намудааст (с. 181-183).

Дар бахши хулосаи диссертатсия натиҷаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили низоми баҳисобгирӣ ва аудити идоракунии арзиши аслии нерӯи барқ, беҳгардонии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Дар баробари бартариҳои дар боло номбаршуда диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба чанде аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

1. Боби якуми диссертатсия, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои шабакаҳои барқӣ бахшида шудааст, бештар масъалаҳои умумии таҳлил ва баҳодиҳии бозори нерӯи барқро баррасӣ менамояд. Муаллиф бештар ба таҳлили вазъи бозори энергетикӣ дар мамлакат таваҷҷуҳ намуда, масъалаҳои назариявии бевосита ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои электроэнергетикӣ дахлдоштаро ба дараҷаи дуюми баррасӣ ҳавола додааст.

2. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳангоми муайян намудани дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳқиқотчӣ муаллифон ва таҳқиқотчиёнеро номбар кардааст, ки асарҳои мушаххаси онҳо вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар рӯйхати адабиёти истифодашуда нестанд (чун З.Р. Шарипов, А.И. Волкова, В.С. Савчук, Н.И. Филиппов, Б.И. Валуев, А.М. Кузминский ва дигарон).

3. Дар муҳтавои диссертатсия гузаронишҳои муҳосибии амалиёти хоҷагидории корхонаҳои шабакаҳои барқӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот ба назар намерасанд, вақте ки асоси техника ва методикаи амалии баҳисобгирии муҳосибӣ (аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ) дар ҳисобҳо инъикос кардани амалиёти хоҷагидорӣ мебошад.

4. Аҳамияти амалии таҳқиқотро кушодани имкониятҳо дар амалигардонии пешниҳодҳои муаллиф оид ба баҳисобгирии идоракунӣ дар энергетика бо истифода аз технологияи иттиллоотии муосир мустаҳкам менамояд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд, ки таҳрирро талаб менамоянд. Масалан, дар с. 39 дар сархати пеш аз охирон чунин омадааст: "Дар матни хароҷоти баҳисобгирии идоракунӣ – ин, ба назари мо, низоми мукаммали иттилоотиест, ки..." ва дуруст дарк кардани маънӣ ин ҷо душвор аст; ё дар ҷойи дигар (с. 81, сархати 3) омадааст: "Ҳамин тавр, дар асоси низоми ҳамгироишудаи баҳисобгирии хоҷагӣ – баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки ба талаботи иттилоотии истифодабарандагон тавассути ташкили дахлдори баҳисобгирии таҳлилӣ, ҷорӣ кардани шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ мутобиқ карда шудааст." Ин ҷо ҳам дарк кардани маънӣ душвор аст.

6. Дар рисола масъалаҳои ташкилии пешбарии баҳисобгирии идоракунӣ дар энергетика ба таври васеъ дида нашудаанд, аз ин рӯ мебоист масъалаҳои инъикоси баҳисобгирии робитаҳои байни истеҳсолкунандагони нерӯи барқ ва шабакаҳои фурӯш баррасӣ мегардиданд.

Камбудиҳои номбаршуда хосияти тавсиявӣ дошта, ислоҳшавандаанд, онҳо ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи тақризшаванда таъсир расонида наметавонанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи "Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи

ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ ба ҷо оварда шуда, таҳқиқоти мустақилонаи илмии баитмомрасида мебошад.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи докторант буда, натиҷаҳои бадастомада боэътимод, дорои арзиши илмию амалии муайян мебошанд. Тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар мавриди такмилдиҳии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити идоракунии хароҷот дар корхонаҳои шабакаҳои баркӣ ба кор бурда шаванд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, тибқи талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Бобоев Ш.Н. дар мавзӯи “Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои баркӣ” ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит арзанда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит”-и Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Каримов Б.Ҳ.**

**Суроға:**
**(734055), Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,**
**Хиёбони Борбад 48/5, Тел: (+992 37) 234-88-02,**
**Факс: (+992 37) 234-88-02,**
**Web: www.dsx.tj E-mail: dsx_ips@mail.ru.**
**Телефони дастӣ: +992 90 7908210**

**E-mail: bahodurkarim@mail.ru**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи "Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит"-и Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Каримов Б.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Ҷӯраев Ш.Н.**